УДК: 330.101.68 DOI: 10.65599/DBDF9266

# МЕТОДОЛОГИЯИ ИДОРАКУНИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ

**Р.Қ. Давлатова, Н.Қ. Билолов, Г.Г. Сафарзода**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар мақола методологияи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Асосҳои назариявии тадқиқотро нуқтаи назари иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ ташкил медиҳад. Муаллифон қайд менамоянд, ки методологияи идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ бояд унсурҳои муҳимро чун методҳои таъминкунанда, идоракунанда, инчунин механизми идоракунии рақобатпазирии маҳсулот онҳоро фарогир бошад. Марҳилаҳои методологии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ оварда шудааст, ки чор марҳилаи ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад. Инчунин раванди идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ оварда шудааст. Аз ҷониби муҳаққиқон даври ҳаётии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ низ таснифбандӣ карда шудааст. Ҳамчунин, дар мақола методологияи умумии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ таҳия гардидааст, ки ҳадаф, вазифаҳо, ва стратегияи рушди корхонаҳои саноатиро дар бар гирифта, унсурҳои методологии идоракунии рақобатпазириро аз қабили принсипҳо, вазифаҳо ва усулҳои идоракунӣ фаро мегирад. Дар интиҳои мақола хулосаю пешниҳодҳои муаллифон ҷиҳати такмили методологияи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ оварда шудаанд.

***Калидвожаҳо***: *рақобатпазирӣ, методология, идоракунӣ, воридот, содирот, воридотивазкунанда, сифати маҳсулот, нарх, инноватсия, фоиданокӣ, бозор.*

# МЕТОДОЛОГИЯ УПРАВЛЕНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТЬЮ ПРОМЫШЛЕННОЙ ПРОДУКЦИИ

**Р.К. Давлатова, Н.К. Билолов, Г.Г. Сафарзода**

В статье рассматривается методология управления конкурентоспособностью промышленной продукции. Теоретическую основу исследования составили взгляды отечественных и зарубежных экономистов. Авторы отмечают, что методология управления конкурентоспособностью промышленных предприятий должна включать такие важные элементы, как методы обеспечения, управления и регулирования конкурентоспособности их продукции. Представлены методологические этапы управления конкурентоспособностью промышленной продукции, включающие четыре взаимосвязанных этапа. Также представлен процесс управления конкурентоспособностью продукции промышленных предприятий. Исследователи также классифицировали жизненный цикл конкурентоспособности промышленной продукции. В статье также разработана общая методология управления конкурентоспособностью продукции промышленных предприятий, которая включает цели, задачи и стратегию развития промышленных предприятий, а также освещает методологические элементы управления конкурентоспособностью, такие как принципы, задачи и методы управления. В конце статьи представлены выводы и предложения авторов по совершенствованию методологии управления конкурентоспособностью промышленной продукции.

***Ключевые слова:*** *конкурентоспособность, методология, управление, импорт, экспорт, импортозамещение, качество продукции, цена, инновации, рентабельность, рынок.*

# METHODOLOGY OF MANAGING THE COMPETITIVENESS OF INDUSTRIAL PRODUCTS

**R.K. Davlatova, N.K. Bilolov, G.G. Safarzoda**

The article considers the methodology of managing the competitiveness of industrial products. The theoretical basis of the study was formed by the views of domestic and foreign economists. The authors notes that the methodology of managing the competitiveness of industrial enterprises should include such important elements as methods of ensuring, managing and regulating the competitiveness of their products. Here we have the methodological stages of managing the competitiveness of industrial products, including four interrelated stages. Also have the process of managing the competitiveness of industrial products. The researcher also classified the life cycle of competitiveness of industrial products. The article also developed a general methodology for managing the competitiveness of industrial products, which includes the goals, objectives and development strategy of industrial enterprises, and also covers the methodological elements of competitiveness management, such as principles, objectives and management methods. At the end of the article, the author's conclusions and proposals for improving the methodology of managing the competitiveness of industrial products are presented.

***Keywords:*** *competitiveness, methodology, management, import, export, import substitution, product quality, price, innovation, profitability, market.*

## Муқаддима

Воқеан, идоракунии рақобатпазирии маҳсулот, ки амали мутақобилаи мақсадноки ҷараёни истеҳсол ва фурӯши маҳсулот мебошад, бояд талаботи харидоронро қонеъ намуда, қобилияти ноилгардонӣ ба мақсадҳои корхонаи саноатиро дошта бошад. Ба ақидаи Бочаров В.П. ва Воробев Е.В. зери мафҳуми рақобатпазирии маҳсулот мувофиқати он бо шароити бозор ва талаботи истеъмолкунандагон вобаста ба шароити сифатӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва дигар шароити харидкунӣ ва истеъмолӣ фаҳмида мешавад [1]. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки идоракунии рақобатпазирии маҳсулот бояд дар заминаи алоқамандии намудҳои гуногуни фаъолияти корхона, аз ҷумла фаъолияти корхона дар самти нархгузорӣ, масъалаҳои техникию истифодабарии онҳо, инчунин дигар таркибдиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулот ба роҳ монда шавад.

Методологияи идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ самаранок дониста мешавад, агар он як қатор унсурҳо чун методҳои таъминкунанда, идоракунанда, инчунин механизми идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти онҳоро фарогир бошад. Ба сифати заминаи асосии методологияи идоракунии

рақобатпазирии маҳсулот аслан қонунҳои бозор ва корхона, роҳҳои илмӣ, принсипҳо ва методҳои идоракунӣ дохил мешаванд.

Дар шароити тезу тунд гардидани муносибатҳои бозорӣ таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии ватанӣ мушкил мегардад, ки ин ҳолат такмили методологияи идоракунии рақобатпазириро талаб менамояд. Аз нигоҳи профессор Раҳимов А.М. маҳсулоти саноати ватанӣ то ба ҳол ба сатҳи рақобатпазирии устувор нарасидааст ва дар ишғоли ҳиссаи бозор низ суръати пастро соҳиб аст [7]. Вобаста ба ин зарур мешуморем, ки ҷараёни ташаккулёбӣ ва такмили методологияи идоракунии рақобатпазирии субъектҳои мазкур бояд марҳилаҳои зеринро паси сар намояд: а) муайянкунии мақсадҳои низоми идоракунӣ; б) таҳлили ҷараёни ноилгардӣ ба мақсадҳо ва муайян намудани сохтори низоми идоракунӣ; в) муайянкунӣ ва ташаккулёбии таркиби низоми идоракунӣ; г) коркарди сохтори низоми идоракунӣ; ғ) ташаккули технологияи идоракунӣ; д) таҳлили низоми иттилоотӣ ва коркарди модели иттилоотии низоми идоракунӣ; е) таъминоти кадрӣ.

Дар шароити муосир идоракунии рақобатпазирӣ истифодаи методологияеро талаб менамояд, ки ҳамҷояшавии амалҳои корхона ва давлатро таъмин карда тавонад. Аз ин рӯ, ба сифати заминаи чунин методология бояд бренди сифати натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва зарурати мутобиқшавӣ ба муносибатҳои муосири бозорӣ баромад намояд. Иқтисодчиён низ ба он назаранд, ки истеҳсолоти пешрафта дар ниҳоят, ба устуворгардонии нерӯи содиротии ҳар як кишвар мусоидат менамояд [8]. Методологияи идоракунии давлатии рақобатпазирӣ бояд аз унсурҳое таркиб ёбад, ки амали онҳо баландбардории самаранокии рақобатпазирии маҳсулотро таъмин карда тавонад. Дар баробари методологияи идоракунии давлатии рақобатпазирӣ корхонаҳои саноатӣ метавонанд идоракунии рақобатпазирии маҳсулотро бо истифодаи механизми бозорӣ низ ба роҳ монанд.

Аз нигоҳи мо, методологияи идоракунии маҳсулоти саноатӣ чор марҳилаи асосиро дар бар мегирад. Нигаред ба расми 1.




*Расми 1 – Марҳилаҳои методологии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ*
*Сарчашма: Таҳияи муаллифон.*

Тавре аз расми 1 бар меояд, дар марҳилаи якум бояд дараҷаи рақобатпазирии маҳсулот аз ҷиҳати сифат ва нарх муайян карда шавад. Маъмулан, омилҳои асосие, ки ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулот таъсири назаррас мерасонанд, омилҳои сифатӣ ва нархӣ мебошанд. Бо назардошти ҳолати ҷойдошта,

корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки маҳсулоти баландсифат ва дорои афзалиятҳои инноватсиониро истеҳсол намоянд. Дар шароити имрӯза, ки байни истеҳсолкунандагони дохилию хориҷии маҳсулоти саноатӣ рақобати шадид ҷой дорад, аз ин рӯ, шарти асосии ишғоли мавқеи устувори рақобатпазирӣ – истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ мебошад [2]. Агар ба таҷрибаи хориҷӣ нигарем, маълум мегардад, ки инноватсия дар тамоми мамолики ҷаҳон омили асосии муваффақиятҳо гардидааст. Масалан, яке аз муваффақиятҳои ИМА дар самти таъмини рақобатпазирии корхонаҳо фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва нерӯи рушдкардаи илмӣ мебошад [3].

Аз дигар ҷиҳат, онҳоро зарур аст, ки дар шароити ҷой доштани талаботи чандир ба молҳои саноатии воридотӣ, стратегияи муносиби нархгузориро низ интихоб ва истифода кунанд.

Марҳилаи дуюми идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатиро татбиқи чораҳо аз болои намуди зоҳирии маҳсулот ташкил медиҳад. Ба ҳамагон маълум аст, ки аксарияти истеъмолкунандагон, аз ҷумла истеъмолкунандагони молҳои саноатӣ ба намуди зоҳирии маҳсулот диққати зиёд медиҳанд. Вобаста ба ин, корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки ба намуди зоҳирии маҳсулот ҳамчун омили ҷолби диққати истеъмолкунандагон аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд.

Дар марҳилаи сеюм индекси рақобатпазирии маҳсулот оид ба фоиданокӣ, намуди зоҳирӣ ва нуфузи маҳсулот дар бозор муайян карда мешавад. Ҳар чӣ қадар ки индексҳои зикршуда дар сатҳи баланд қарор дошта бошанд, ҳамон қадар маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ мавқеи устувори рақобатпазириро соҳиб мешаванд ва баръакс.

Дар марҳилаи ниҳоӣ, яъне дар марҳилаи чорум, дараҷаи рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ муайян мегардад. Натиҷаҳое ки аз ин марҳила ба даст оварда мешаванд, барои коркарди дурнамои идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ истифода карда мешаванд.

Раванди идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ якчанд зинаҳои ба якдигар алоқамандро дар бар мегирад. Нигаред ба расми 2.




*Расми 2 – Тасвири идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ*
*Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда.*
*Эзоҳ: I – индекси рақобатпазирӣ.*

Дар расми 2 тасвири идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ оварда шудааст. Тибқи тасвири мазкур хусусиятҳои ҷараёни бавуҷудоии талабот ба маҳсулоти саноатӣ дар натиҷаи омӯзиши бозор, фаъолияти рақибҳо ва дархоси муштариён муайян ва дақиқ карда мешавад. Баъдан, паҳлуҳои мушаххаси маҳсулот барои идоракунӣ муайян гардида, нишондиҳандаҳои ҷамъбастии баҳодиҳӣ ва индекси баҳодиҳӣ ҳисоб карда мешаванд. Тасвири таҳияшуда оид ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ ду натиҷаро мушаххас менамояд: а) мавҷуд будани одитарин аломатҳои рақобатпазирӣ (I < 1); б) мавқеи устувори рақобатпазириро соҳиб будани маҳсулоти саноатӣ (I > 1). Барои корхонаҳои саноатӣ зарур аст, ки дар шароити пеш гирифтани сиёсати истеҳсолоти воридотивазкунанда индекси рақобатпазириро дар сатҳи I > 1 нигоҳ доранд. Воқеан, имрӯзҳо ҳама иқтисодчиён ҷонибдори иқтисодиёти инноватсионӣ – рақамӣ мебошанд ва рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ, аз ҷумла баландгардии рақобатпазирии маҳсулоти саноатиро аз афзалиятҳои инноватсионӣ вобаста медонанд. Масалан иқтисодчии ватанӣ Низомова Т.Д. қайд менамояд, ки инноватсия дар сатҳи микроиқтисодӣ самаранокии истеҳсолотро таъмин намуда, сифат ва рақобатпазирии маҳсулотро баланд мебардорад [6]. Чунин мавқеъро Комилов С.Ҷ. бо дигар тарз тарафдорӣ намуда, иброз медорад, ки яке аз роҳҳои асосии баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноатии мамлакат интихоби афзалиятҳо ва коркарди стратегияи рушди соҳа мебошад, ки метавонанд дар ҷараёни ташаккулёбӣ ва мукаммалшавии шароити иқтисоди бозорӣ истодагарӣ кунанд [4]. Ба ақидаи иқтисодчиёни ватанӣ таъмини индекси рақобатпазирӣ дар сатҳи I > 1 дар заминаи истифодаи қаноатбахши афзалиятҳои инноватсионӣ – рақамӣ имконпазир мебошад.

Рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ даври ҳаётии мушаххасро паси сар менамояд, ки ҳар як давра вижагиҳои хосро доро мебошад. Нигаред ба расми 3.




*Расми 3 – Даври ҳаётии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ*

Даври ҳаётии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, ки дар расми 3 оварда шудааст, чор марҳиларо дар бар мегирад. Дар марҳилаи аввал, яъне воридшавии маҳсулоти саноатӣ ба бозор бояд мавқеи рақобатпазирии маҳсулоти дилхоҳ корхонаи саноатӣ дар муқоиса ба маҳсулоти рақибон, аз ҷумла молҳои саноатии воридотӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирад. Дар ин марҳила корхонаи саноатиро зарур аст, ки бо истифодаи имкониятҳои мавҷуда сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти худро баланд бардорад.

Марҳилаи дуюм, ки афзоиши рақобатпазирии маҳсулотро дар назар дорад, аз корхонаҳои саноатӣ амалкарди фаъолро талаб менамояд. Дар ин маврид корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки талаботи чандироро ба маҳсулоти худ таъмин намуда, чунин мавқеъро муҳлатҳои тӯлонӣ нигоҳ дошта тавонанд. Тавсия менамоем, ки корхонаҳои саноатӣ дар ин маврид ҷиҳати баланд бардоштани ҷолибияти маҳсулоти худ бештар аз имкониятҳои инноватсионӣ – рақамӣ истифода намоянд.

Даври сеюми ҳаётии рақобатпазирӣ оғози устувории рақобапазирии маҳсулот ва баркамолии он мебошад. Дар ин давра бояд дурнамо ва қарорҳое қабул ва роҳандозӣ карда шаванд, ки дараҷаи баланди рақобатпазириро барои давраи ҷорӣ ва марҳилаҳои минбаъда таъмин карда тавонанд. Нерӯи баланди рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатии хориҷӣ метавонанд мавқеи устувори рақобатпазирии маҳсулоти саноати ватании давлати воридотқабулкунандаро аз байн барад.

Рафти идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ ҷараёни мураккабе мебошад, ки амалкарди методологияи мукаммалро талаб менамояд. Унсурҳои асосии методологии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ дар расми 4 ба низоми муайян дароварда шудаанд.




*Расми 4 – Методологияи умумии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ.*
*Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда.*

Тибқи методологияи дар расми 4 таҳияшуда дар ҳадафи корхонаи саноатӣ баландбардории рақобатпазирии маҳсулот бояд нақши марказӣ дошта бошад. Иҷрои вазифаҳои дар назди корхона гузошташуда бояд ҷиҳати баландбардории сатҳу сифати маҳсулоти саноатӣ мусоидат намояд. Корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти худ стратегияи комили рушдро таҳия намоянд. Барои дар дилхоҳ шароит ба роҳ мондани идоракунии босамар коркарди дурнамои идоракунии рақобатпазирии маҳсулот, бунёди консепсияи муносиб, коркарди низоми идоракунии раванди истеҳсолоти маҳсулоти баландсифат ва фурӯши он зарур аст. Ҳамчунин, идоракунии самараноки рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ риояи принсипҳои мушаххас, иҷрои пурра ва саривақтии

вазифаҳои идоракунӣ, истифодаи усулҳои идоракунии қулай ва ба инобат гирифтани дигар ҷиҳатҳои муҳиимро талаб менамояд.

Муваффақияти корхонаи саноатӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти худ ҳамоҳангии қисматҳои дар расми 4 таҳияшуда мебошад. Агар унсурҳои овардашуда, шуруъ аз ҳадафи корхона то таъминоти иттилоотӣ дар алоқамандии байниякдигарӣ қарор дошта бошанд, пас корхонаи саноатӣ имконияти баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулотро пайдо менамояд ва баръакс.

Бо мақсади идоракунии самараноки рақобатпазирӣ зарур аст то дар амалия низоми самараноки ҳамоҳангии унсурҳои идоракунии корхона, ки барои таъмини рақобатпазирии маҳсулот нигаронида шудаанд, инчунин низоми назорати натиҷаҳои бадастовардашаванда коркард карда шавад. Ҳамчунин, кормандоне ки фаъолияташон ба самти баландбардории рақобатпазирии маҳсулот нигаронида шудааст, вобаста ба ҳиссаи гузоштаашон ҳавасманд гардонида шаванд. Чараёни идоракунии рақобатпазирии маҳсулот бояд дар асоси истифодаи принсипҳои идоракунии сифат, наргузории чандирӣ ва принсипи такмили мунтазами имидж ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тавр, аз тадқиқи заминаҳои методологии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ ба мо маълум гардид, ки муваффақияти корхонаҳои саноатӣ дар самти нигоҳ доштани мавқеи устувори рақобатпазирии маҳсулот аз истифодаи методологияи комил ва муносиб вобастагии зиёд дорад. Бинобар ин, амали фаъол ва зарурии корхонаҳои соҳа дар ҳар як марҳилаи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, зери назорати ҷиддӣ гирифтани омилҳои таъсиррасон, идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ дар тамоми давраҳои ҳаётии он, инчунин таъмини ҳамоҳангии унсурҳои методологии идоракунии рақобатпазирӣ амри зарурӣ мебошад.

*Муқарриз: Раҳимзода Ҳ.Р. — д.и.и., профессор, мудири кафедраи иқтисодӣ миллӣ ва бехтарии иқтисодии ДМТ.*

## Адабиёт


1. Бочаров В.П., Воробьев Е.В. Организация экономического анализа конкурентоспособности продукции // Современные проблемы науки и образования – 2007. – № 6 (часть 2). – С. 143-149.
2. Давлатова Р.Қ. Асосҳои назариявӣ-методологии баҳодиҳии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ / Р.Қ. Давлатова // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ).– 2021. – № 7. – С. 83-90.
3. Загребельная Н.С. Международная конкурентоспособность американской экономики // Новые реалии международных отношений [Электронный ресурс]. – Режим 247 доступа: https://cyberleninka.ru/article/v/mezhdunarodnaya-konkurentnosposobnost-amerikanskoy -ekonomiki. - (дата обращения: 06.04.2025).
4. Комилов С.Дж. Особенности конкурентного преимущества национального сельскохозяйственного производства. В сборнике: Приоритетные векторы развития промышленности и сельского хозяйства. материалы I международной научно-практической конференции. Под общей редакцией: В.И. Веретенникова, Е.П. Чучко, Н.Л. Савкина, П.Б. Должанова. 2018. – С.170-174.
5. Лухманова Н.А. Методы оценки конкурентоспособности транспортных услуг / Н. А. Лухманова. – Текст: электронный // Известия РПГУ им. А.И. Герцена. – 2009. – № 90. – С. 217–221. – URL: https://cyberleninka.ru/article/n/metody-otsenki-konkurentosposobnostitransportnyh-uslug (дата обращения: 26.03.2025).
6. Низамова Т.Д. Инновационные аспекты развития промышленности республики таджикистан. В книге: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Материалы II международной научно-практической конференции. 2016. – С.352-354.
7. Рахимов А.М. Некоторые вопросы повышения эффективности промышленности Республики Таджикистан. В сборнике: Управление социально-экономическими системами: теория, методология, практика. Сборник статей II Международной научно-практической конференции. 2017. – С.64-65.
8. Саидов Р.Н. Пути уменьшения безработицы и снижения инфляции в Республике Таджикистан / Р.Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально – экономических и общественных наук. – 2016.– №2/4 (204). – С. 114-121.
9. Саидов Р.Н. Заминаҳои назариявии танзими даромадҳои аҳолӣ / Р.Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.– 2022.– № 1 (30). – С.161-169.

10. Шинкаренко В.Г. Оценка и анализ конкурентоспособности автотранспортных услуг / В. Г. Шинкаренко. – Текст: электронный // Экономика транспортного комплекса. – 2013. – № 21. – С.107 – 123. – URL: https://cyberleninka.ru/article/n/otsenka-i-analizkonkurentosposobnosti-avtotransportnyh-uslug (дата обращения: 25.03.2025).

## МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН – СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ –INFORMATION ABOUT AUTHORS


| TJ | RU | EN |
|---|---|---|
| Давлатова Розиямо Қамбаровна | Давлатова Розиямо Камбаровна | Davlatova Roziyamo Kambarovna |
| н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ | к.э.н., доцент, заведующая кафедрой экономики предприятия и предпринимательства | Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Chief of the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship |
| Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Таджикский национальный университет | Tajik National University |
| E-mail: davlatova_79@list.ru | | |
| TJ | RU | EN |
| Билолов Неъматулло Курбоналиевич | Билолов Неъматулло Курбоналиевич | Bilolov Nematullo Qurbonalievich |
| н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ | к.э.н., доцент кафедры экономики предприятия и предпринимательства | Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship |
| Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Таджикский национальный университет | Tajik National University |
| E-mail: sky_bnk@mail.ru | | |
| TJ | RU | EN |
| Сафарзода Гулбегим Гурез | Сафарзода Гулбегим Гурез | Safarzoda Gulbegim Gurez |
| н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ | к.э.н., старший преподаватель кафедры экономики предприятия и предпринимательства | Candidate of Economic Sciences, senior lecturer of the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship |
| Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Таджикский национальный университет | Tajik National University |
| E-mail: safarovagulbegim1989@mail.ru | | |